«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ», доктори илми филология,
__________Шарифзода Ф.
«____» ________с.2023.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи «Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ », ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.00 –Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи «Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба банди 5-уми бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) адабӣ мутобиқат менамояд.

Аз миёни достонҳои «Ҳафт авранг»-и шоир дар диссертатсия ба таҳқиқи масъалаҳои поэтикии достони «Юсуф ва Зулайхо» камтар таваҷҷуҳ шудааст, ки ин масъалаҳо то кунун дар адабиётшиносии тоҷик мавриди пажуҳиши алоҳидаи монографӣ қарор нагирифтаанд ва аз ҳар ҷиҳат мавзуи мубрами илмӣ ва шоистаи таҳқиқ мебошад. «Юсуф ва Зулайхо» яке аз қиссаҳои беҳтарин дар адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб мешавад, ки сюжети он аз фолклори яҳудиён ибтидо гирифта, мазмуни он баъд ба таркиби бобҳои 37-50 -и Таврот (Библия) ва сураи 12 -и Қуръон гузаштааст ва таҳқиқи масъалаҳои поэтикии достон аз ҳар ҷиҳат муҳим ва дорои аҳаммияти вижаи илмӣ мебошад, чунки достони “Юсуф ва Зулайхо” аз дилкаштарин ва шавқангезтарин асарҳои Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Тартиб ва сохтори умумии диссертатсия, мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навовариҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин,

дар омӯзиши назариёти донишмандони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Муаллиф дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар диссертатсия пешниҳоднамуда, корбурди усулҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои илмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, методи таҳлили системавию муназзамро мавриди истифода қарор додааст. Мувофиқи андешаи муаллифи диссертатсия, бо он ки Абдурраҳмони Ҷомӣ як тан аз намояндагони муваффақи илми замони худ, мутафаккири соҳибном, эҷодкори соҳибмактаб, шоири ориф дар асри XV форс-тоҷик аст ва достони "Юсуф ва Зулайхо" на танҳо аз шавқангезтарин асарҳои Ҷомӣ, балки «аз дилработарин асарҳои адабиёти классикии тоҷику форс буда, дар таърихи минбаъдаи бисёр адабиёти Шарқ таъсири қавие расонидааст», масъалаҳои поэтикии ин достони машҳуру боарзиш то ба имрӯз ба таври алоҳида аз таҳқиқи монографӣ аз назари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар канор мондааст. Зарур ба таъкид аст, ки роҷеъ ба паҳлуҳои рӯзгору осори Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ҷониби донишмандону ховаршиносон таҳқиқоти боарзиш сурат гирифтааст, аммо масъалаҳои поэтикии ин достони машҳур ва дигар вижагиҳои хоси эҷодиёти ӯ дар достон ба таҳқиқоти густардаву фарогири илмӣ кашида нашудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсияи аз ҷониби Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна таълифшуда бо дарназардошти дастабандии мураттаби мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан муназзами бобу зербобҳои диссертатсия ва меҳварҳои аслии барои дифоъ пешниҳодшаванда, густардаву фарогир ва бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс, пажуҳишу таҳқиқи муфассали мушаххасоти поэтикии достони "Юсуф ва Зулайхо" ва дигар ҷанбаҳои ҳунарии эҷодиёти ин шоир қобили арзиш ва шоистаи таҳсин аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома фароҳам омада, вобаста ба талаботи масоили баррасишаванда ҳар як боб дар навбати худ боз ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назарию методологӣ, ҳадафу

объект, мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқот, сарчашма, соҳа ва марҳалаҳои таҳқиқ, заминаҳои асосии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навовариҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии муаллиф, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва амсоли инҳо баён гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Достонсароӣ дар асри XV»** номгузорӣ шуда, се фаслро дар бар мегирад. Фасли аввали ин боб **«Маснавигӯӣ дар асри XV»** ном дошта, муҳаққиқ дар он, бо истинод аз ахбори сарчашмаҳои муътамади адабиву таърихӣ ва таҳқиқоти донишмандони муосир, роҷеъ ба достон ва густариши ин жанри адабӣ маводи заруриро оварда, таҳлил кардааст. Дар асри XV достон аз жанрҳои маъмулии адабӣ маҳсуб мешуд, ки дар таърихи адабиёти форсии тоҷикии ин марҳила дар мавзуъҳои гуногун вобаста аз завқу ҳунари шоирон ин гуна достонҳо офарида шудаанд. Ба андешаи муаллифи диссертатсия дар асри XV аз ҳама бештар дар адабиёти форсии тоҷикӣ достонҳои ишқии романтикӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, ирфонӣ, таърихӣ, динӣ ва романтикӣ эҷод шудаанд, ки намунаҳои онҳо то рӯзгори мо расидаанд. Фасли дувуми боби якуми диссертатсия **“Мавқеи маснавиҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин давра”** унвон дорад, ки дар ин фасл ҷойгоҳи маснавиҳои шоир ба таҳлил гирифта шудааст. Дар таърихи фарҳанги асри XV-и халқи тоҷик Ҷомӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун яке аз муваффақтарин ва забардасттарин адибон ва шоири соҳибмактабу навовар эътироф гардидааст. Ҷомӣ миқдори достонҳо ва маснавиҳоро ба ҳафт адад расонид ва «Ҳафт авранг» номид. «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ як марҳалаи хоссе дар маснависароӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ гардид, ки собиқа надошт ва Ҷомӣ дар баробари идомаи суннати шоирони мубтакири гузашта – Низомӣ ва Амир Хусрав дар достонсароӣ даст ба ибтикоре задааст, ки қисме аз онҳо собиқа надоштааст. Он ибтикороте, ки Мавлоно Ҷомӣ дар достонсароӣ кардааст, бидуни шак, метавонад бо кӯшиши Ҳаким Низомӣ, ки дар асри XII анҷом дода буд, баробар ҳисобида шавад ва эътироф карда шавад. Бо эҷоди достонҳои «Ҳафт авранг» дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ мархғлаи нави достонсароӣ оғоз мегардад, ки мубтакири он Мавлоно Ҷомӣ мебошад. Фасли сеюми боби аввал **“Ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон”** номида шудааст. Ҷомишиносӣ дар илм аз замони зиндагии Мавлоно Ҷомӣ пайдо шуда, таълифи асарҳои алоҳида ё фаслҳои хос дар китобҳои таърихи марбут ба ҳамин давра, тазкираҳо ва адабиёти ирфонӣ оид ба рӯзгору осори ӯ ба қалами Мавлоно Пиршамс, Абдулғафури Лорӣ, Абдулвосеъ Низомии Бохарзӣ, Алишери Навоӣ,

Алии Сафӣ ва дигарон мансуб аст. Дар бораи Ҷомӣ, дар давоми асрҳои XVI-XIX маълумотро асосан дар тазкираҳо мебинем, ки ба шахсият ва эҷодиёти ӯ баҳои воқеӣ дода шудааст. Ҷомишиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир ба як мактаби илмии қавие мубаддал гардидааст, ки дар саромади он устод Садриддин Айнӣ қарор доштанд. Минбаъд, дар заминаи Ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон чанд насли муҳаққиқон ба камол расиданд, ки дар таҳқиқ, таҳия, нашри осори Ҷомӣ ва кутубу расоиле, ки дар боби зиндагӣ ва шахсияту фаъолияти эҷодии ӯ дар замонҳои мухталиф нигошта шудаанд, дар таҳияву чоп кардан низ саҳми назаррасе гузоштаанд. Зарур ба таъкид аст, ки таҳқиқоту пажуҳишҳои ин муҳаққиқон ба се ҷашни Ҷомӣ – 550- солагӣ (с. 1964), 575 - солагӣ (с. 1989) ва 600-солагӣ (с. 2014) бахшида шудаанд, ки воқеан дар густариши Ҷомишиносӣ қадами ҷиддие ба пеш маҳсуб мешавад. Ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон ба номи донишманди бузурги тоҷик, профессор Аълохон Афсаҳзод пайвастагии ногусастанӣ дорад. Аълохон Афсаҳзод, ки аз рӯзҳои аввали фаъолияти илмияш ба таҳқиқ ва омӯзиши рӯзгору осори Ҷомӣ машғул будааст, дар қатори нашри осори шоир, як силсила асрҳои илмӣ-таҳқиқотӣ роҷеъ ба рӯзгору осори Ҷомӣ навиштааст, ки дар мисоли худ назир надоранд.

Боби дуюми диссертатсия **“Таҳқиқи сарчашмаҳо, нусхашиносӣ ва симоҳои достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ”** ном дорад ва аз чаҳор фасл иборат аст. Фасли якуми боби дуюм **“Сарчашмаҳои асосии достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ”** номида шуда, дар ин фасл диссертант баъд аз омӯзиши ҳаматарафаи сарчашмаҳои зиёд ба натиҷа мерасад, ки сарчашмаҳои асосӣ ва бунёдии достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомиро метавон ба таври фишурда чунин номбар кард: китобҳои муқаддаси Таврот (бобҳои 37-50, қисмати «Ҳастӣ»), Қуръони карим (сураи 12, ки аз 111 оят ибрат аст), китобҳои «Таърихи Табарӣ» (бобҳои «Хабари Юсуф алайҳиссалом» ва «Қиссаи Зулайхо бо Юсуф»), «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ», тафсирҳои «Кашф-ул-асрор»-и Рашидуддин Абулфазли Майбудӣ, «Тафсири Сурободӣ»-и Абубакр Атиқи Нишопурӣ, «Ас-ситтин-ул-ҷомеъ лил-латоиф-ил басотин»- и Зайди Тӯсӣ. Фасли дуюми боби дувум **“Нусхашиносӣ ва шарҳнигорӣ ба достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ”** номида шудааст. Ширинова Б.Б. таъкид мекунад, ки мувофиқи нишондоди сарчашмаҳо осори Ҷомӣ дар замони barҳаёт будани худаш нусхабардорӣ шудааст, ки ин кори савобро бори нахуст худи шоир анҷом додааст. Аз достони «Юсуфу Зулайхо» -и Ҷомӣ нусхаҳои хеле зиёд боқӣ мондаанд, ки тибқи нишондоди феҳристҳо дар ганҷинаҳои мухталифи олам, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эрон, собиқ

Иттиҳоди Шӯравӣ, Туркия, Покистон, Озарбойҷон, Англия, Фаронса, Ӯзбекистон ва ғайра нигаҳдорӣ мешаванд. Аҳмади Мунзавӣ дар «Феҳристи нусхаҳои форсӣ», ҷилдҳои 3-4 рӯйхати 199 нусхаи хаттии достони Ҷомиро аз китобхонаҳои олам ҷамъ овардаву характеристикаи ҳар нусхаро бозгӯӣ кардааст. Дар ҷилдҳои якум ва дувуми китоби боарзиши «Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» 14 нусхаи ҷолиб ва дар замонҳои гуногун китобатшудаи дастнависҳои достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Ширинова Б. Б. дар диссертатсия характеристикаи 7 нусхаи комили достонро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешаванд, бозгӯӣ кардааст. Инчунин, муаллиф дар бораи 59 нусхаи достони "Юсуф ва Зулайхо", ки дар Ҷумҳурии Озарбойҷон нигаҳдорӣ мешаванд ва 6 нусхаи дар "Феҳристи Чарлз Рё"-и омадаи достон хабар додааст. Дар қисмати дувуми ин фасли диссертатсия муаллиф дар бораи якчанд шарҳҳои филологӣ, ки ба достон баста шудаанд, маълумот дода, таъкид мекунад, ки таҳқиқ ва пажуҳиши шарҳномаҳо ба достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ, ки хеле зиёданд, як самти муҳим дар Ҷомишиносӣ маҳсуб мешавад, ки кори оянда мебошад. Фасли сеюми боби дуюм **"Таҳлили образҳои достон"** унвонгузорӣ шудааст. Дар достони Ҷомӣ образҳое, ки ҷараёни мундариҷаи достон ба ҳаракату фаъолияти онҳо вобаста аст, бисёранд, вале Юсуф ва Зулайхо асоситарини онҳо мебошанд. Падари Юсуф - Яъқуб, бародарони ӯ, падари Зулайхо, доя, Азизи Миср, подшоҳи Миср, занони Миср, сардори корвон - Молик, корвониён, зиндониён, меъмор, мусаввирон, духтари Бозға ва дигарон, ки дар маҷмуъ баҳри густариши образи Юсуф ва Зулайхо ба кор рафтаанд. Аз образҳо ва шахсоне ки мундариҷаи достонро комил месозанд ва баъд аз иҷрои вазифаашон дигар фаъолият надоранд, образҳои Яъқуб, бародарони Юсуф, падари Зулайхо - Таймус, бародарони Юсуф, аммаи ӯ, дояи Зулайхо, подшоҳи Миср, Молик, корвониён, Азизи Миср, устоҳову наққошон ва зиндониён ба шумор мераванд. Ширинова Б. Б. таъкид мекунад, ки Ҷомӣ бо истифода аз образҳое, ки исмашонро баён кардем, бо маҳорат ва қареҳаи бузурги шоирӣ ин достони пурмуҳтавоеро эҷод кардааст, ки дар адабиёти классикии форсии тоҷикии асри XV мақоми вижаро соҳиб аст ва дар анъанаи эҷоди «Юсуф ва Зулайхо»- ҳо саҳми арзанда ва таъсири амиқе дорад. Фасли чоруми боби дуюм **"Ҷойгоҳи фоҷиа дар достон"** унвон дорад ва дар ин ҷо диссертант ҳамаи фоҷиаҳое, ки ба сари образҳои марказии достон, аз ҷумла Яъқуб, Юсуф ва Зулайхо омадааст, мавриди баррасӣ қарор додааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар достон дар панҷ маврид фоҷиаро аз рӯзгори образҳои марказӣ – Юсуф, Зулайхо ва Яъқуб дар дувоздаҳ фасл овардааст. Ин фаслҳо

пайдарпай набуда, дар мавридҳои гуногун баён гардидаанд. Аз миёни фоҷиаҳое, ки Ҷомӣ дар дохили достон овардааст, фоҷиаҳои ба сари Юсуф омада фоҷиаҳои руҳияи некбинона (оптимистӣ) дошта мебошанд, чунки дар бархӯрду муборизаҳо Юсуф ҳамеша босабру таҳаммул аст ва иродаи нек дорад, ки ба ормонаш мерасонад ва дар сари қабри Юсуф чашмонашро канда, худро ба ҳалокат расонидани Зулайхо фоҷиаи воқеӣ ба ҳисоб меравад. Ва дар маҷмуъ, ин фоҷиаҳои Юсуф, Зулайхо ва Яъқуб, ки Ҷомӣ дар достон баррасӣ кардааст, фоҷиаҳои умумиинсонӣ мебошанд, ки намунаҳояшонро дар адабиёти ҷаҳон ба мушоҳида мегирем.

Боби сеюми диссертатсия **“Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ”** ном дорад ва аз 6 фасл ва фасли якуми ҳамин боб аз 4 зерфасл фароҳам омадааст. Фасли якуми боби сеюм **“Сохти композитсионии (архитектоникаи) достон”** унвон дорад ва аз 4 зерфасл иборат аст, ки диссертант дар ин ҷо миқдори байтҳоро дар нашрҳои гуногуни достон нишон додааст. «Юсуф ва Зулайхо»- и Ҷомӣ аз нигоҳи сохти композитсионӣ (архитектоника) аз 77 боб (нашрҳои Душанбе – 1964, 1988, 2014, ки З.Аҳрорӣ ва М.Мамедова ва 1984 (Москва), ки Ҳусайн Аҳмади Тарбият таҳия кардаанд, аз 74 боб) фароҳам омада, дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мақсур), ки аз рукнҳои мафоилун, мафоилун, фаӯлун ё (мафоил) иборат аст, соли 1483 навишта шуда, ба Султон Ҳусайни Бойқаро бахшида шудааст. Нашрҳои Душанбе аз 3819 байт иборат аст ва аз 4000 байти асли достон 181 байт партофта шудааст. Матни соли 1984 дар Москва чопшуда аз 4032 байт иборат аст. Соли таълифи достон дар асоси нишондоди муаллиф 888-и ҳиҷрӣ (1484 м.) ва шумораи байтҳои он 4000 аст. Матни дар Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳиякардаи Аълохон Афсаҳзод ва Ҳусайн Аҳмади Тарбият низ (1999 - Теҳрон) аз 74 боб ва 4032 байт иборат аст, ки ин ҷо 32 байти зиёдро ба мушоҳида мегирем. «Юсуф ва Зулайхо» дар асоси талаботи анъанаи достонсароӣ аз хутба, наъти расул, баёни меъроҷ, барака ҷустан аз пири тариқат Хоҷа Аҳрори Валӣ, мадҳи ҳукмрони замон Ҳусайни Бойқаро оғоз шуда,баъд аз фасли сабаби назми китоб мухтавои достон оғоз мешавад. «Юсуф ва Зулайхо» бо фаслҳои дар шикоят аз замона, насиҳат ба фарзанд, дар хитобаи нафс ва хотимаи достон, ки ба шоир ва донишманди бузург Алишери Навоӣ бахшида шудааст, ба охир мерасад. Достони «Юсуф ва Зулайхо»- и Ҷомӣ аз нигоҳи сохти композитсионӣ яке аз асарҳои мукаммали бадеӣ мебошад, ки дар мисоли худ беназир аст. Зерфасли якуми фасли аввали боби сеюм **“Мақоми унсурҳои мусиқӣ дар достон”** ном дорад. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар достон ҳангоми баёни воқеаҳо ва ҳаракати образҳои асар, аз ҷумла Юсуф ва Зулайхо,

корвониён, Азизи Миср ва дигарон, ки аз ҷое ба ҷое мераванд ё шитоб доранд ва базму тарабҳо аз унсурҳои мусиқӣ истифода кардааст. Диссертант Ширинова Б.Б. аз дохили достон унвони чанде аз асбобҳо ва унсурҳои мусиқиро, аз ҷумла ҷарас, ҷарасҷунбон, дуҳул, дуҳулкӯб, чанг, парда, чанги хамида, мутриб, овоз, муғаннӣ, чанг, наво, уд, тараб, автор (ҷамъи торҳо), асбоб, най, рубоб, камонча, наъра, зеҳ, даф ва оҳанги “суворӣ”-ро барчида, бо овардани мисолҳо таҳлил кардааст. Ҷомӣ ҳамчун донандаи хуби илми мусиқӣ дар асараш дар мавридҳои гуногун унсурҳои мусиқиро бардуруст истифода карда, ҳусни суханро афзудааст. Зерфасли дуюми фасли якуми боби сеюм **“Тасвири унсурҳои табиат дар баёни шоир”** ном дорад. Ҷомӣ дар достон дар баробари тасвири дигар унсурҳои каломи бадеъ аз зебоиҳои табиат фаровон истифода кардааст. Дар ҳар саҳнаи зиндагии инсон унсурҳои табиат, аз ҷумлаи гулу гиёҳ, дарахту об, дарёву набoтот ва амсоли инҳо ширкат доранд ва ҳамон шоир ё адиб соҳибқудрат аст, ки ин зебоиҳои табиатро дар лаҳзаҳои муносиб ба тасвири бадеӣ гирад. Унсурҳои табиат дар достони «Юсуф ва Зулайхо» басомади зиёд доранд, аз ҷумла: анвои гулҳо, навъҳои гуногуни дарахтон, намунаи парандагон, моҳиён, обу ҳавзу ҷӯйҳо, чаманҳо, хирман, майдонҳо, боғҳо, боду шамол, ки бо истифода аз гулу гиёҳ, саҳнаи боғҳо ва хониши парандагон, ки дар табиат фаровон ба назар мерасанд, ба сухани шоир ҳусни ҷаззоб бахшидааст, ки дар достон зиёд ба назар мерасанд. Зерфасли сеюми фасли якуми боби сеюм **“Унсурҳои мунозира дар достон”** унвон дорад. Ҷомӣ дар достон мунозираро, ки яке аз анвои адабист, дар лаҳзаҳои зиёд вобаста ба талаби мавзуъ мавриди истифода қарор додааст. Дар достони Ҷомӣ унсури мунозира басомади зиёд дорад, хусусан гуфтугӯи ду нафар, гуфтугӯи дарунӣ (монолог) ва гуфтугӯи ғайбӣ ё гуфтугӯ бо Худованд. Дар мунозираҳое, ки Ҷомӣ дар достон истифода кардааст, саҳнапардозӣ зиёд аст ва ҳангоми гуфтугӯ образҳо байни ҳам гоҳе ба оромӣ ва баъзан бошиддат сухан мегӯянд, ки хоси мунозира аст. Ба воситаи мунозираҳо шоир шӯру шавқ, ҳаяҷону изтироб, мақсаду орзу, сатҳи донишу ҷиниш ва рафтору кирдори образҳои асарро баён карда, мавқеи ғоявӣ ва ҷамъиятии онҳоро ба санъати баланд нишон додааст. Зерфасли чоруми фасли якуми боби сеюм **“Мавқеи хоб ва руъё дар баёни Ҷомӣ”** унвон дорад. Абдурраҳмони Ҷомӣ хоб ва руъёро дар достон ҳамчун ҷузъи бунёдии қисса дар ҳафт маврид ба кор бурдааст, ки ҳама дар охир амалӣ мешаванд. Дар сарчашмаҳои асосии қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» - Таврот ва Қуръони карим хоб нишон дода шудааст, ки басомади гуногун доранд. Дар Таврот панҷ хоб: ду хоби Юсуф, як хоби соқӣ ва хонсолори подшоҳи Миср ва ду хоби Фиръавн оварда шудааст ва дар Қуръони

карим се хоб: як хоби Юсуф, як хоби зиндониён ва як хоби подшоҳи Миср оварда шудаанд. Ҷомӣ дар достон миқдори хобҳоро ба ҳафт адад расонидааст, ки ин услуби кори ӯ вобаста ба сохти композитсионии достон мебошад, чунки дар баъзе достонҳо миқдори хобҳо панҷ, дар дигаре ҳашт ва дар севумӣ шаш адад аст. Ҷомӣ хоб ва хоббиниро дар достон ҳамчун тасаввурот, натиҷаи фикр, пиндори ҳодисаҳо, тасаввури онҳо талаққӣ карда, ҷанбаи хунарии достонро тақвият бахшидааст. Фасли дуюми боби сеюм **“Афкори адабии Ҷомӣ дар достони «Юсуф ва Зулайхо»** ном дорад. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар муқаддима ва таркиби достони “Юсуф ва Зулайхо” оид ба масъалаҳои шеъру шоирӣ, ҳусни сухан, маҳорати шоирӣ, тасвирсозӣ, сухани росту ҳадафманд гуфтан, аз суханҳои бемоя парҳез доштан, мадҳи беҳуда ва барзиёд нагуфтан ва ғайра бисёр сухан кардааст. Ҷомӣ дар асарҳои дигари худ низ афкори назарияшро оид ба шеъру шоирӣ баён кардааст, инҳо дебоча ва хутбаю муқаддимаи «Ҳафт авранг», девонҳои сегона, дебочаҳои «Субҳат-ул-аброр», «Туҳфат-ул-Аҳрор» ва ғ. мебошанд. Инчунин, дар асарҳое, ки муосиронаш ба шарҳи ҳол ва мақоми Ҷомӣ бахшидаанд, аз ҷумла, дар «Мақомоти Ҳазрати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ»-и Низомии Бохарзӣ ва «Шарҳи ҳоли Мавлоно Ҷомӣ» -и Абдулғафури Лорӣ бештар андешаҳои интиқодии ӯ оид ба шеъру мавқеи шоирии ҳамасронаш омадаанд. Фасли сеюми боби сеюм **“Ҳунари шоир дар маъниофаринӣ ва тасвирсозӣ”** унвон дорад. Ҷомӣ яке аз шоирони барҷастаи маъниофар ва тасвиркори нодирагуфторест, ки дар тасвири ҳолатҳои гуногуни образҳои марказии достон-Юсуф ва Зулайхо маъниҳои бикр ва тасвирҳои ҷолибро зиёд истифода кардааст, то саҳнаҳои гуногуни достон муассир ва дилнишин тасвир ёбад. Ҷомӣ дар тасвири симои Юсуф калимаву ибораҳои «ҳумоюнпайкар», «аз олами нур», «ғоратгари ҳурон», «шамшодқомат», «зулфаш мисли занҷир», «аз ҷабинаш нур меборад», «рухаш моҳе аз авҷи бурҷи фирдавс», «зебочашм» ва монанди инҳоро истифода мекунад. Ва дар тасвири Зулайхо калимаҳову ибораҳои «ахтаре аз бурҷи шоҳӣ», «ахтари фурӯзон аз дурҷи шоҳӣ», «қадаш нахли аз раҳмат офарида», «аз бӯстони латофат сар кашида», «мӯйи ӯ доми ҳушмандон» аст ва ғайраро ба кор бурдааст, то симои образ зеботар ва бошукӯҳтар баён гардад. Ҳамаи он тасвирсозиҳои ҷолиб ва пуртаъсир, ки шоир дар достон дар лаҳзаҳои гуногун овардааст, аз маҳорати баланди ӯ дар тасвирсозӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки тавассути санъатҳои мухталифи бадеӣ, аз ҷумла, ташбеҳ, тавсиф, киноя, сифатчинӣ, истиора, талмеҳ ва ғайра бо истифода аз қофияҳои барҷаста, радифҳои содаву таркибӣ ва бо тасвирҳои зебои шоирона баён гардидаанд. Фасли чоруми боби сеюм **“Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар достон”** ном дорад. «Юсуф ва

Зулайхо» яке аз достонҳоест, ки дар маҷмуи эҷодиёти Ҷомӣ аз нигоҳи фарогирии фасоҳату балоғат ва зебоии каломи бадеии шоир мақоми арзанда дорад. Ҷомӣ достони худро бо истифодаи суннати анъанавии шоирони гузашта таълиф карда, дар баёни андешаҳояш навгӯиҳо ва тозакориҳои зиёд дорад. Ҳар шоир баҳри он ки асараш ҳунармандона ва бо риояти анъанаҳои суннатии адабиёт нигошта шавад ва суханаш зебо бошад, аз санъатҳои зиёди бадеӣ моҳирона истифода мекунад. Ҷомӣ дар достон аз санъатҳои маънавӣ бештар истиора, маҷоз, талмеҳ, тавсиф, ташбеҳ, киноя, муболиға, тазодд, ирсоли масал, суолу ҷавоб ва нидоро мавриди истифода қарор додааст, инчунин, мунозара (муколама) ва номаро ҳамчун хатти ҳунарӣ ба кор бурдааст. Фасли панҷуми боби сеюм **"Паёмҳои ахлокии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар достон"** унвон дорад. Мавлоно Ҷомӣ бо овардани чеҳраҳои мухталиф, тасвири лаҳзаҳои гуногун ва оростани саҳнаҳои таъсирбахш кӯшидааст, ки ба хонандаи имрӯзу фардо роҳи дурусти зиндагиро нишон диҳад. Ҳарчанд фаъолияти образҳои асосии достон - Юсуфу Зулайхо ва дигарон бо диди хоси шоир тасвир шудааст, вале ба таври куллӣ марому паёми шоир як аст. Паёмҳои шоирона бештар дар баёни афкори ахлокӣ ва иҷтимоӣ ифода гардидааст, ки ҳар кадом бо назару завқи хос баррасӣ шудаанд. Паёмҳои ахлоқии шоир, ки аз баёни ин нуктаҳо солҳои зиёд сипарӣ шудааст, то кунун арзиши назарӣ ва амалии худро гум накардаанд. Ҷомӣ дар баёни масъалаҳои ишқ, ахлоқ, тарбия ва донишомӯзӣ паёмҳои арзишманде таълиф намудааст, ки то ҳоло ҳамчун шоҳбайт дар таҳкими ахлоқи ҷомеа манфиатбахшанд. Фасли шашуми боби сеюм **"Забон ва сабки достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ"** номида шудааст. Забон яке аз унсурҳои асосии санъати сухан аст, ки ҳунари шоир ва нависанда, камоли нигорандагӣ ва дараҷаи таълифоти ӯро маҳз тавассути забони осораш муайян кардан ва баҳо додан мумкин аст. Тарзи баёни Ҷомӣ аз нигоҳи баҳрабардорӣ ва истифода аз дороиҳои забонӣ ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ҷомӣ дар достонаш бунёди суханро асосан бо калимаҳои зебои форсии тоҷикӣ ниҳода, дар баъзе мавридҳо вожаҳо ва таъбирҳои арабиро низ истифода кардааст. Сухани гуворову равон ва фасеҳи Ҷомӣ аз ибтидо то интиҳо хонандаро бо як ҷаззобияти хос мафтун мегардонад. Мавлоно Ҷомӣ яке аз пешвоёни тариқати нақшбандия маҳсуб мешавад ва дар достон аз вожаву таъбироти ирфонӣ зиёд истифода кардааст, ки истифодаи бамавриди вожаву истилоҳоти аҳли ирфон яке аз мумайизоти гуфтори ӯст. Дар кор фармудани иборaҳои фразеологӣ ва истифодаи мақолу зарбулмасалҳо низ Ҷомӣ устоди забардаст аст, чунки ин ифодаҳо сухани зебои шоирро боз ҳам дилнишин ва пуртаъсиртару пурмаънитар мегардонанд. Шоир дар

баробари истифодаи санъатҳои бадеӣ, таъбирҳо, воҳидҳои фразеологӣ ва мақолу зарбулмасалҳо, инчунин радифҳои устувор ва қофияҳои матинро дар достон ба кор бурдааст. Ҳарчанд муҳаққиқ дар фарҷоми ҳар қисмати кор натоиҷи бадастовардаи худро ба таври мухтасар хулоса карда бошад ҳам, боз дар 10 банди хулосаи диссертатсия, ки онро натиҷагириҳои муаллиф аз раванди таҳқиқ ҳам метавон гуфт, кулли мабоҳиси оростаи хешро дар диссертатсия ба таври мушаххас ҷамъбандӣ кардааст. Дар китобнома зикри теъдоди фаровони сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, аз ҷумла нусхаҳои хаттӣ ва интишоргардидаи осори шоир, инчунин дигар манобеи адабиву илмӣ, бавижа таҳқиқоти роҷеъ ба достонҳо ва олами андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ анҷомёфта, аз дониш ва огоҳии мукаммали муаллиф дар таҳқиқи ҳаматарафа ва фарогир паём мерасонад. Корбурди теъдоди зиёди пажуҳишот ва накду назари мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе муаллифон дар таркиби кор истиқлоли назари ӯро дар раванди куллии нигориши диссертатсия таъмин кардааст.

Маълум аст, ки аз назари илмӣ баҳои воқеӣ дода тавонистан ба маҳорати эҷодӣ ва сабки суханварон аз муҳаққиқ дар баробари дониши фаровон фаҳму идроки баландро тақозо мекунад, зеро шеъри ҳар шоир ифодагари фазои маънавии ӯст. Аз мутолиаи диссертатсия ба таври возеҳ ошкор мешавад, ки муҳаққиқи ҷавон аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи мушкил баромада тавонистааст. Ба назар мерасад, ки муҳаққиқ қабл аз таълифи диссертатсия ба адабиёт, бавижа адабиёти классикии форс-тоҷик ва махсусан ба омӯзиши достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Ҷомӣ ба андозаи лозим ошноӣ доштааст, ҳамзамон осори илмии ба адабиёти ин давра бахшидашударо воқеъбинона омӯхтааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновнаро метавон яке аз таҳқиқоти муҳим ва дастнохӯрда дар адабиётшиносии тоҷик унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки матлуби илмӣ, корбурди маводи фаровон, матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми адабиву илмӣ таълиф шудааст.

Аз феҳрасти адабиёти диссертатсия ва автореферати он бармеояд, ки диссертант давоми солҳои зиёд ба таҳқиқу баррасии достони “Юсуф ва Зулайхо” машғул аст ва нашри мақолаҳои ӯ роҷеъ ба масоили мухталифи марбут ба вижагиҳои мавзуиву сабкӣ ва поэтикии достони шоир дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун муҳаққиқ далолат мекунад. Ҳамзамон, ширкати муаллифи диссертатсия дар ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявиву байналмилалӣ низ ба истиқлоли дидгоҳҳои илмии вай роҷеъ бамавзуи таҳқиқшаванда ва андешаи шоир ишорат доранд.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Фасли сеюми боби якум "Ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон" фасли зиёдатист.
2. Дар бобҳои диссертатсия иқтибосҳои зиёд оварда шудаанд ва таҳлилҳо камтар ба назар мерасанд.
3. Унвонҷӯй дар фасли дуюми боби дувум "Нусхашиносӣ ва шарҳнигорӣ ба достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" шарҳои ба достон бахшидашударо, ки шарҳи филологиянд ё ирфонӣ ба мавзуъҳо ҷудо накардааст.
4. Унвонҷӯй дар фасли чоруми боби сеюми диссертатсия "Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар достон", ки аз фаслҳои муҳим ба шумор меравад, танҳо санъатҳои талмеҳ, ташбеҳ, ташхис, таҷнис ва ғайраро дар достон таҳлил карда, оид ба вежагиҳои вазн, анвои қофия, мавқеи радиф ва намудҳои он кам таваҷҷуҳ кардааст.
5. Дар рӯйхати адабиёт китобҳое оварда шудаанд, ки ба маводи диссертатсия иртибот надоранд.

Бояд арз дошт, ки камбудиҳои манзуршуда ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар назди худ гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расонидааст. Бинобар ин, диссертатсияи илмии Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи **«Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ»** таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст.

Автореферати диссертатсия ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки панҷ адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навовариҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи "Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 –Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёт рақами 6 Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 18 августи соли 2023, суратҷаласаи № 8 баррасӣ ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илми филология,
мудири шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ — Юсуфов Умриддин
..........................................................................

**Эксперт:**
номзади илми филология, ходими
пешбари шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти ба
номи Рӯдакии АМИТ — Муҳаммадиев Шамсиддин
..........................................................................

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, ходими
хурди шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ — Давлатова Холида

**Имзоҳои д.и.ф., Юсуфов У. А,
н.и.ф. Муҳаммадиев Ш. ва н.и.ф
Давлатова Х.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ — Нарзиқулова Ҳилола
..................................................

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: **rudaki@gmail. com**
Сомонаи расмӣ: www.iza.tarena.tj
19 августи соли 2023